Ҳумо | Бонк

Тасдиқ карда шудааст:
Бо Қарори Раёсати ҶСП «Ҳумо Бонк»
аз «18» августи соли 2025, Пайнавишти №61
И.в. Раиси Раёсат Маюнусов Ф.М. ____________

**ОФЕРТАИ ОММАВӢ**
**(Шартномаи оид ба пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ дар доираи хизматрасонии «Ҳамён» тариқи ҶСП «Ҳумо Бонк»)**

Офертаи мазкури Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Ҳумо Бонк» (минбаъд дар матн - Оферта) ба доираи номуайяни шахсони воқеие, ки рақами муштарии ҷудошударо дар асоси Шартномаи хизматрасонии алоқаи радиотелефонӣ бо оператор (Шартномаи муштарӣ) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебаранд, ки минбаъд дар матн «Муштарӣ» номида мешаванд, ба роҳ монда шуда, пешниҳоди расмии Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Ҳумо Бонк» (Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон аз 23.07.2025 сол) оид ба бастани Шартномаи хизматрасонии бонкӣ, дар доираи хизматрасонии **«Ҳамён»** (минбаъд дар матн - Шартнома) бо шартҳои зерин мебошад: ОММАВӢ

**ИСТИЛОҲОТ ВА МАФҲУМҲО**

**Муштарӣ/Мизоҷ** — ҳар шахси воқеӣ (шаҳрванди ба синни 18-сола расида), ки бо ҶСП «Ҳумо Бонк» шартномаи хизматрасонии бонкӣ дар доираи хизматрасонии **«Ҳамён»** бастааст ва ҳуқуқи истифодабарии Хизматрасонии **«Ҳамён»** ба воситаи анҷомдиҳии амалҳои конклюдентии ба қабули Шартҳои хизматрасонии Оператор ва Офертаи Бонк равонакардашуда дода шудааст.

**Дастгоҳи муштарӣ** — таҷҳизоти (интиҳоии) қонунӣ истифодашавандаи Муштарӣ мебошад, ки он ба Муштарӣ тавассути пайваст намудани таҷҳизоти мазкури интиҳоӣ ба шабакаи алоқаи Оператор, дастрасӣ ба хизматрасониҳои Оператор таъмин менамояд.

**Мушаххаскунӣ** — расмиёти махсусест, ки дар доираи он Мизоҷ ба Бонк маълумотеро, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» муқаррар гардидааст, пешниҳод менамояд. Дар натиҷаи гузаштан аз тартиби Мушаххаснамоӣ нагузаштааст, дорои мақоми Мизоҷи мушаххаснашуда мебошад. Маълумоти муфассал оид ба роҳу воситаҳои гузаштан аз тартиби Мушаххаснамоӣ дар сомонаи Бонк ё тариқи рақами кӯтоҳи 544 дастрас мебошад.

**Тасдиқи аслият (аутентификатсия)** – расмиёте, ки ба ташкилоти қарзӣ барои муайян ва тасдиқ намудани шахсияти истифодабарандаи хизматрасонии пардохтӣ ва санҷиши ҳуқуқи қонунии истифодаи воситаи электронии пардохтӣ, аз ҷумла бо истифодаи маълумоти ҳифзшудаи шахсӣ имкон медиҳад.

**Ҳамёни электронии мушаххасшуда** – ҳамёни электрониест, ки дорандаи он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» (ба воситаи пешниҳоди шиноснома ва РМА) аз тартиби мушаххаснамоӣ гузашта, минбаъд бо рақами шахсии телефони мобилӣ мушаххас карда мешавад. Баъд аз гузаштан аз тартиби мушаххаснамоӣ ба Мизоҷ (муштарӣ) имконияти бемаҳдуди ҳамён пешниҳод карда мешавад.

**Ҳамёни ба таври фосилавӣ мушаххасгардида** - мушаххаскунӣ ва тафтиши шахсияти муштарӣ бо истифода аз технологияҳои муосир (тариқи телефони мобилӣ, планшет ё дигар воситаҳои камерадор) тавассути аксбардории муштарӣ якҷоя бо ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият ё гузаронидани суҳбати видеоӣ бо муштарӣ.

**Мушаххаскунии фосилавӣ** - ин расмиёти махсуси Бонк, Агент мебошад, бо мақсади пешниҳод намудани аз ҷониби Муштарӣ маълумоти мушаххаси муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом». Маҷмӯи чорабиниҳо доир ба муайян намудани маълумот оид ба Муштарӣ, тасдиқи ин маълумот бо истифодаи ҳуҷҷатҳои аслӣ тариқи онлайн (яъне бидуни ташриф овардан ба идораҳои ташкилот) ва ба Муштарӣ имкон медиҳад, ки дар ҳамёни электронии худ бо маҳдудияти васеъ амалиёт анҷом диҳад.

**Ҳамёни электронии мушаххаснагардида** – ҳамёни электроние, ки аз ҷониби шахси воқеӣ бо истифодаи дастгоҳҳои электронӣ дар асоси офертаи оммавии мазкур ба таври фосилавӣ кушода мешавад, ки дорандаи он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мушаххасот нагузаштааст;

**Аксепт** — розигӣ ба пардохт. Аксепт бояд пурра ва бечунучаро бошад, лаҳзаи қабули шартҳои Аксепт ҳангоми розигӣ бо Оферта эътироф карда мешавад.

**Шартнома** - шартномаи хизматрасонӣ ба Бонк, дар доираи хизматрасонии ҳамёни электронии «Ҳумо онлайн» (минбаъд дар матн Шартнома).
**Меъёрҳои мизоҷ** – маҳдудияти истифодабарии маблағҳои дар ҳамён барои Муштариёне, ки ҳолати «**Мизоҷи мушаххаснашуда**» мебошад. Меъёрҳо аз ҷониби ҶСП «Ҳумо Бонк» мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» назорат карда мешаванд. бақияи маблағи Ҳамёни электронии «Ҳамён» дар дилхоҳ вақт аз 20 нишондиҳандаи ҳисобӣ зиёд набуда, маблағи умумии Ҳамёни электронии «Ҳамён» дар давоми як моҳи тақвимӣ аз 50 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёдтар нест. Меъёрҳои дар боло зикршуда ба Муштариён/Мизоҷони бо мақоми «Мушаххасгардида» дахл надорад, новобаста ба ҳолати Муштарӣ интиқоли Маблағҳои электронӣ аз 80 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, дар доираи як амалиёт зиёд буда наметавонад. Барои Муштариёни бо ҳолати «**Ба таври фосилавӣ мушаххасгардида**» бақияи маблағ дар Ҳамёни электронии «Ҳамён» дар як моҳ бояд аз 350 нишондиҳандаи ҳисобӣ зиёд набошад ва маблағи ниҳоии амалиёти якдафъаина аз 80 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд набошад инчунин маблағи умумии амалиёт дар давоми як моҳи тақвимӣ бо истифода аз ҳамёнҳои электронӣ аз 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд набошад. Ҳангоми интиқоли маблағҳои пулӣ маблағи умумӣ, ки муштарӣ (шахси воқеӣ) гирандаи маблағҳои пулӣ аз шахси воқеии дигар ё ирсолкунандаи маблағҳои пулӣ ба манфиати шахси воқеии дигар мебошад, аз 80 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар давоми як моҳи тақвимӣ зиёд набошад. Бақияи маблағи муштариёни Мушахассгардида дар Ҳамёни электронии «Ҳамён» аз 1750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд набошад.
**ҶСП «Ҳумо Бонк»** — Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Ҳумо Бонк», ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси Оферта ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро бо супориши шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ бо мақсади пешниҳоди Хизматрасонӣ ба Муштариён (минбаъд - Бонк) анҷом медиҳад.
**Ҳамёни электронӣ –** воситаи электронии пардохтӣ, микропросессор (чип), таъминоти барномавии компютер ва дигар воситаи барномавӣ-техникӣ, ки дар он маблағҳои электронӣ (тавозун) нигоҳ дошта мешаванд ва тавассути он интиқоли маблағҳои электронӣ анҷом дода мешавад;
**«Ҳамён»-и замимаи «МегаФон life»** – замимаи мобилии ҶСП «Ҳумо Бонк», ки дар доираи замимаи «МегаФон life»-и ҶСП «ТТ мобайл» амал мекунад. «Ҳамён»-и замимаи «МегаФон life» аз ҷониби ҶСП «Ҳумо Бонк» бо мақсади анҷомдиҳии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ оид ба интиқоли маблағҳои электронии Муштариён аз суратҳисобҳо ё ҳисобҳои электронии Муштариён аз суратҳисобҳо ё ҳисобҳои кортии Муштариён ба ҳисоби анҷомдиҳии пардохтҳо бар фоидаи Мауассисаи тиҷоратии хизматрасонӣ (минбаъд -МТХ), ки барои анҷомдиҳии ҳисоббаробаркуниҳо аз рӯйи Хизматрасониҳои МТХ зарур меоянд, амалӣ карда мешавад. Қабул ва интиқоли маблағҳои электронии Муштарӣ/Мизоҷ барои пардохти хизматрасониҳои МТХ аз ҷониби ҶСП «Ҳумо Бонк» бо супориши Муштарӣ, ки ба воситаи Оператор ба Бонк ворид гардидааст, анҷом дода мешавад. Бонк, дар асоси супориши Муштарӣ, маблағҳоро аз ҳисоби шахсӣ, корти бонкӣ ё дигар ҳисоби Муштарӣ кам менамояд. Дар навбати худ, Бонк бақияи воситаҳои пулии электронӣ зиёд карда, тибқи Супориши Муштарӣ ҳисоббаробаркуниҳоро бо МТХ анҷом медиҳад. Ҳисобдории воситаҳои пулии электронӣ аз ҷониби Бонк ба роҳ монда мешавад. Шартҳои пешниҳоди хизматрасонӣ тариқи «Ҳамён»-и замимаи «МегаФон life» дар сомонаи Оператор ва Замимаи мобилии «МегаФон life»-и Оператор дарҷ карда шудаанд.
**Офертаи ҶСП «Ҳумо Бонк»** — пешниҳоди оммавии мазкури ба Муштариён нигаронидашудаи ҶСП "Ҳумо Бонк" дар хусуси бастани шартнома оид ба анҷомдиҳии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо супориши шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ бо мақсади ба Муштарӣ пешниҳод намудани имконияти амалӣ намудани Пардохтҳо тавассути афзоиши ВПЭ Муштарӣ аз ҳисоби маблағҳои пулии ӯ, ки пешпардохти хизматрасонии алоқа маҳсуб ёфта, ба Бонк аз ҳисоби маблағҳои дар тавозуни ӯ ё ҳисоби кортии ташкилоти қарзӣ мавҷудбуда пешниҳод гардидаанд, ки маълумот дар бораи он дар нишонии http://humo.tj/oferta/tj/MegafonLife.pdf ҷойгир шудааст.
**Интиқол —** амалҳои Бонк дар доираи шаклҳои истифодашавандаи пардохтҳои ғайринақдӣ доир ба пешниҳоди маблағҳои Муштарӣ ба маблағгирандаи он дар асоси Супориш барои пардохт.
**Пардохт** — амалҳои Муштарӣ, ки ба тартиб додани Супориш барои пардохти Хизматрасониҳои МТХ дар доираи Хизматрасониҳо равона карда шудаанд, инчунин амалҳои Муштарӣ, ки ба интиқоли маблағҳо ба шахси воқеии ба фаъолияти соҳибкорӣ ё таҷрибаи хусусӣ вобастанабуда равона карда шудаанд. Пардохтҳо дар ҳудуди маҳдудиятҳои барои маблағҳои электронии пардохт кушодашаванда, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» муқаррар гардидаанд, инчунин дар ҳудуди меъёрҳое, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» муқаррар гардидаанд, инчунин дар ҳудуди меъёрҳое, ки мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» муқаррар гардидаанд, сурат мегиранд.
**Шарики Бонк -** шахси ҳуқуқӣ ва ё соҳибкори инфиродӣ, ки таъминкунандаи хизматрасонӣ (мол) мебошад ва ҳуқуқи қабул намудани Пардохтҳо аз Муштариён барои хизматрасониҳо (молҳо)-и пешниҳодгардида тибқи Шартномаи муштарӣ, ки бо ӯ Бонк Шартномаи агентӣ бастааст, дорад.
**Супориш барои пардохт** — супорише, ки аз ҷониби Муштарӣ, аз ҷумла тавассути Хизматрасонии «Ҳамён» тартиб дода мешавад, ки он ба Оператор фармоиш медиҳад, ки маблағҳои ҳамчун пешпардохт барои хизматрасонии алоқаи Оператор аз ҷониби Муштарӣ воридгардида ба Муштарӣ баргардонида шаванд, ва онҳо ба Бонк барои афзоиши Бақияи маблағҳои электронӣ ва амаликунии ҳисоббаробаркуниҳои минбаъда дар доираи истифодабарии хизматрасонии «Ҳамён» бо МТХ гузаронида шаванд. Маблағҳои ба Бонк гузаронидашуда, ҳамчун бақияи маблағҳои электронӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Супориш барои пардохт метавонад аз ҷониби Оператор қабул гардида, барои

иҷроиши минбаъда ба Бонк интиқол дода шавад. Ҳангоми қабули Маблағҳои электронӣ аз Муштарӣ ва интиқоли онҳо ба ҳисоби МТХ тавассути ҳамёни электронӣ ва мавҷудияти дар Муштарӣ Хизматрасонии фаъоли «Ҳамён», Бонк ҳолати Муштариро тафтиш менамояд.

**Тарофаҳо -** шартҳое, ки андозаи маблағи комиссияро, ки барои Хизматрасонӣ ҳангоми амаликунии Пардохт аз ҷониби Муштарӣ пардохта мешавад, муқаррар менамоянд. Тарофаҳои амалкунанда дар сомонаи Бонк ҷойгир карда шудаанд ва қисми ҷудоинопазири Шартнома мебошанд. Бонк метавонад барои гузаронидани амалиети кассавӣ, интиқоли маблағ ба дигар ҳамёнҳои электронӣ ва кортҳои пардохтии бонкӣ, инчунин мубодилаи асъор тахфифҳои худро муайян намояд.

**Сарфи барзиёди техникӣ —** амаликунии Пардохт аз ҷониби Муштарӣ ба маблағе, ки аз андозаи Бақияи Маблағҳои электронӣ зиёд мебошад, вақте ки ин дар натиҷаи хатогии техникии Бонк ва ё бо ҳар дигар сабаб имконпазир гардид.

**Муассисаи тиҷоратии хизматрасонӣ (МТХ)** - шахси ҳуқуқӣ ва ё шахси воқеӣ, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шуда, Хизматрасониҳои МТХ-ро бо тартиб ва шартҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд, ки бо Бонк ва ё Шарики Бонк шартномаи дахлдорро бо мақсади пешниҳод намудани ба Муштарӣ имконияти пардохти Хизматрасониҳои МТХ дар Ҳамёни электронии «Ҳамён» бастааст. Рӯйхати Шарикони Бонк, МТХ ва Хизматрасониҳои МТХ дар сомонаи Оператор ва сомонаи Бонк ҷойгир карда шудааст.

**Хизматрасонии «Ҳамён»** — хизматрасонии Оператор ва Бонк мебошад, ки ба Муштарӣ/Мизоҷ имконияти амалӣ намудани Пардохт аз ҳисоби маблағҳои дар бақияи «Ҳамён» ва ҳисоби кортӣ ба нафъи шахсони сеюм (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони ҳуқуқии хориҷӣ) анҷом диҳад. Шартҳои пешниҳоди Хизмати «Ҳамён» дар сомонаи Оператор ва Бонк ҷойгир карда шудааст.

**Ҳамёни электронии «Ҳамён» —** системаи электронии Бонк барои пардохти хизматрасониҳо, ки дар версияи мобилӣ- дастрасанд, ба Муштарӣ имкон медиҳад, ки Бақияи пулҳои электорониро дар Бонк зиёд намояд, бо назардошти маълумоти оид ба андозаи маблағҳои пешниҳодгардида бе кушодани суратҳисоби бонкӣ аз ҳисоби маблағҳои Муштарӣ, ки пешпардохт барои хизматрасонии алоқаи Оператор мебошанд, бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои пулии Муштарӣ тибқи Офертаи Бонк ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла истифодабарии аз ҷониби Муштарӣ  Воситаҳои электронии пулӣ  барои пардохти Хизматрасониҳои МТХ.

**Пайвастани корти бонкӣ –** амалиёти шахсан аз ҷониби Муштарӣ/Мизоҷ анҷомдодашаванда мебошад, ки бо пешниҳоди маълумоти мушаххаси корти бонкӣ (аз ҷумла, «Корти Миллӣ», Visa ва ғайра) ба мақсади минбаъда пур намудани бақияи ҳамёни электронӣ ва (ё) пардохти хизматрасониҳо.

**Агенти Бонк —** агенти пардохти бонкие, ки аз ҷониби Бонк барои анҷом додани амалҳои зерин (ҳар яке алоҳида ва ё дар якҷоягӣ) ҷалб карда шудааст:

— аз Мизоҷ қабул намудани пули нақд ва (ё) ба Мизоҷ додани пули нақд, аз ҷумла бо истифодаи терминалҳои пардохтӣ ва банкоматҳо;

— ба Мизоҷон пешниҳод намудани воситаҳои электронии пардохт ва таъмин намудани имконияти истифодабарии ин воситаҳои электронии пардохт тибқи шартҳои муқаррарнамудаи Бонк;

— гузаронидани муайянкунии шахсияти Мизоҷ бо мақсади интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ва маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом.

**Баргардонидани бақияи Маблағҳои электронӣ** — амалиёти камкунии бақияи Маблағҳои электронии Муштарӣ бо интиқоли минбаъдаи маблағҳои дахлдор ба суратҳисоби бонкӣ, фиристодани маблағҳои зикршуда барои иҷрои уҳдадориҳои Муштарӣ назди ташкилоти қарзӣ, интиқоли он бе кушодани суратҳисоби бонкӣ ва ё додани пули нақд.

**Боздошти Ҳамён** — манъ кардани интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ бо истифодаи Ҳамён бо супориши Муштарӣ ва дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Шартнома - ҳамчунин манъ кардани афзоиши бақияи Маблағҳои электронӣ.

**Хизматрасониҳои МТХ —** молҳо, корҳо, хизматрасониҳо, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонӣ, ки ба Муштариёни МТХ бо тартиб ва шартҳои муқаррарнамудаи шартномаҳои байни онҳо басташуда фурӯхта мешаванд. Хизматрасониҳои МТХ бояд ба талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат намоянд.

**SMS (Short Message Service)** - технологияи мубодилаи маълумот дар шакли паёмҳои электронӣ (паёмҳои кӯтоҳи матнӣ) дар шабакаи алоқаи фаъол бо истифодаи Таҷҳизоти муштарӣ (ҷӣ тавре, ки ин бо стандартҳои хизматрасониҳои алоқа муайян карда шудааст).

**WEB-сомонаи Оператор** — WEB-сомонае, ки дар шабакаи Интернет бо суроғаи, http://www.megafon.tj ҷойгир карда шудааст.

**WEB- сомонаи Бонк -** WEB- сомонае, ки дар шабакаи Интернет бо суроғаи электронии http://humo.tj ҷойгир карда шудааст. Мафҳумҳои дигаре, ки дар қисмати мазкури Оферта алоҳида ошкор нагардидаанд, мутобиқи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ». истифода мешаванд.

**Нишондиҳанда барои ҳисобҳо -** маблағи пулие мебошад, ки ҳар сол дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли дахлдор муқаррар гардида, барои ҳисоб кардани андозҳо, боҷҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва муҷозоти ҷаримавӣ, инчунин барои ҳисоб кардани ин ё он бузургии арзиши  ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), кӯмакпулиҳо ва иловапулиҳои иҷтимоӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад. Он дар буҷети давлатӣ бо назардошти сатҳи таваррум барои соли дахлдор пешбинӣ шудааст.

## 1. МАВЗӮИ ШАРТНОМА

1.1 Шартномаи мазкур шартҳо ва тартиби пешниҳод шудани аз ҷониби Бонк ба Муштарӣ/Мизоҷ хизматрасониҳои зеринро муқаррар менамояд:
1.1.1 ба Мизоҷ пешниҳод намудани воситаи электронии пардохт, қабули маблағҳои воридшаванда;
1.1.2 интиқоли Маблағҳои электронӣ бо мақсади пардохти мол ва хизматрасонӣ;
1.1.3. дохилкунии Маблағҳои электронӣ;
1.1.4. иҷроиши супоришҳои Муштарӣ доир ба гузаронидани Маблағҳои электронӣ;
1.1.5. баргардонидани бақияи Маблағҳои электронӣ;
1.1.6. гузаронидани расмиёти муайянкунии шахсияти муштариён;
1.1.7. анҷом додани амалиётҳои дигар бо истифодаи хизматрасонии «Ҳамён» дар ҳаҷми пешбининамудаи Шартномаи мазкур.
1.1.8. амалӣ намудани пардохтҳо тавассути корти пардохтии бонкии «Корти миллӣ» ва «Visa»;
1.1.9. интиқол маблағҳо тавассути VISA Direct барои пур кардани кортҳои бонкии VISA дар 70 кишвари ҷаҳон;
1.1.10. имконияти истифода намудани маҳсулоти қарзии «Орзу».

## 2. ТАРТИБИ БАСТАНИ ШАРТНОМА

2.1. Ҳар Муштарие, ки шахси воқеӣ мебошад, дар назди Оператор қарздор намебошад, ва барои хизматрасонии алоқаи Оператор пешпардохт ворид намудааст ва нисбати ӯ аз ҷониби Оператор тибқи шартҳои шартномаи дахлдори байни онҳо басташуда ва меъёрҳои қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди хизматрасонии алоқа (рақами муштарӣ) боздошт карда нашудааст, метавонад шартҳои Офертаро қабул намояд.

2.2. Шартҳои Офертаи мазкурро ҳамчунин ҳар шахсе, ки ба синни 18-солагӣ расидааст, ба воситаи истифодаи Дастгоҳи муштарии худ, тавассути пайвастшавӣ ба шартҳои офертаи мазкур, метавонад қабул намояд.

2.3. Шартнома дар натиҷаи иҷрои амалҳои конклюдентӣ, ки дар аксепти Оферта ва тартибдиҳии Супориш барои пардохт ифода ёфтааст, басташуда ба ҳисоб меравад. Чунин амалҳо барои амалигардонии Пардохт шарти ҳатмӣ буда, ҳамчун розигии пурра ва бечунучарои Муштарӣ бо Оферта ҳисобида мешаванд.

2.4. Шарти зарурӣ барои тасдиқи аксепт ва анҷомдиҳии амалиётҳои дигар ин аз ҷониби Муштарӣ истифодабарии рақами абоненти, ки аз ҷониби Оператор барои мубодилаи иттилоот (бо тасдиқномаҳо) ҷудо кардашуда мебошад.

2.5. Шартнома дорои маълумоти зерин мебошад:
- оид ба оператори Маблағҳои электронӣ (Бонк);
- оид ба андозаи подош ва тартиби ситонидани он дар сурате, ки агар он бо Тарофаҳо пешбинӣ шуда бошад;
- оид ба усулҳо ва ҷойҳои амалигардонии Пардохт;
- оид ба усулҳои пешниҳоди маблағ аз ҷониби Муштарӣ бо мақсади зиёд намудани Бақияи Маблағҳои электронӣ;
- оид ба усулҳои пешниҳоди даъво ва тартиби баррасии онҳо, аз ҷумла маълумот барои алоқа бо Бонк;
- оид ба усулҳои гузариши расмиёти муайянкунии шахсият.

## 3. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОДИ ХИЗМАТРАСОНӢ

3.1. Барои амалигардонии Пардохт Муштарӣ ба Оператор Супориш барои пардохтро тибқи шартҳои Офертаи Оператор ва Бонк пешниҳод менамояд.

3.2. Ҳангоми гирифтани Супориш оид ба пур намудани «Ҳамён», Оператор маблағи пардохтнамудаи Муштариро, ки ҳамчун пешпардохт барои хизматрасониҳои алоқа пешниҳод шудааст, баъди дарёфти тасдиқи Бонк оид ба зиёд гардидани бақияи воситаҳои пулии электронии Муштарӣ, фавран кам менамояд..

3.3. Муштарӣ ҳуқуқ дорад супориш барои пардохтро тавассути хизматрасонии «Ҳамён» пешниҳод намояд ва усули пардохтро интихоб кунад. Усули пардохт аз супориши Муштарӣ вобаста аст (Тавозуни «Ҳамён» ва ё Корти бонкӣ).

3.4. Агар Муштарӣ усули пардохти «Корти пардохтии бонкӣ»-ро интихоб намояд, Бонк маблағи онро дар суратҳисоби бонкии худ кам мекунад. Барои пардохт кардан бо истифодаи корти пардохтии бонкӣ, Муштарӣ бояд пешаки корти пардохтии бонкии худро ба хизматрасонии «Ҳамён» пайваст кунад.

3.5. Муштарӣ ҳуқуқ дорад маблағи пулҳои электрониро тавассути хизматрасонии «Ҳамён» ба мақсади анҷомдиҳии пардохт ба манфиати шахсони сеюм кам намояд.

3.6. Амалҳои Муштариро, ки маблағи Бақияи пулҳои электрониро тағйир медиҳанд, розигии ӯ бо маблағи чунин Бақияи Маблағҳои электронӣ дар лаҳзаи вақти пеш аз амалҳои дахлдори Муштарӣ омада тасдиқ менамояд.

3.7. Тағйирёбии (афзоиш ва/ё камшавии) Бақияи Маблағҳои электронӣ бо тартиби баҳснопазир дар асоси аксепти пешакӣ додашуда (бидуни Супориши иловагӣ барои пардохт) метавонад амалӣ гардад:
3.7.1. ба маблағи подоши Бонк, ки бояд аз ҷониби Муштарӣ тибқи Тарофаҳо пардохт карда шавад;
3.7.2. ба маблағи ҷаримаи аҳдшиканӣ (ҷарима, пеня), ки аз Бонк вобаста ба иҷроиши номатлуби аз ҷониби

Муштарӣ шартҳои Шартномаи мазкур ва/ё дигар хизматрасониҳо аз рӯи Шартномаи мазкур ситонида шудааст;

Талаботи пардохтии МТХ дар шакли электронӣ супорида мешавад ва бевосита ба Бонк равона карда мешавад, он тавассути оператори интиқоли маблағ, ки ба МТХ хизматрасонӣ менамояд ва ё тавассути Оператор ворид мегардад.

Аксепт, агар ки аз ҷониби Муштарӣ пешакӣ дода нашуда бошад, Бонк онро бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ва санадҳои ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон қабул менамояд. Бонк барои ҷуброни маблағҳои пулӣ ба Муштарӣ дар сурати иҷрои талаботи пардохтии МТХ, ки ба иҷроиш бе асос пешниҳод гардидааст, масъул нест. Чунин масъалаҳо аз ҷониби Муштарӣ ва МТХ бе иштироки Бонк ва Оператор мустақилона ҳал карда мешаванд.

3.7.3. ҳангоми гардонидани ситониш ба Бақияи Маблағҳои электронӣ (қисми он) бо тартиби муқаррарнамудаи қонун;

3.7.4. ба маблағи афзоиши Бақияи Маблағҳои электронӣ, ки бархато амалӣ карда шудаанд;

3.7.5. ба маблағи баргардонии пулҳое, ки дар асоси банди 3.14 Шартнома амалӣ карда мешаванд;

3.7.6. ба маблағи подоши Шарики Бонк, ки бояд аз ҷониби Муштарӣ тибқи тарофаҳои Шарики Бонк пардохт карда шавад;

3.7.7. ба маблағи қарзи Муштарӣ, ки дар натиҷаи ҳолатҳои зерин ба вуҷуд омадааст, аммо бо ин маҳдудият карда нашудааст:

- истифодабарии аз ҷониби Муштарӣ маблағҳои дар б. 3.4 Оферта зикргардида;
- Сарфи барзиёди техникӣ;
- дар ҳолатҳои дигар.

3.8. Шартҳои Офертаи мазкурро қабул намуда, Муштарӣ ба Бонк аксепти мазкурро нисбати маблағҳои дар бандҳои 3.7.3, 3.7.4., 3.7.5., 3.7.6., 3.7.7.-и Оферта зикршуда пешакӣ медиҳад.

3.8.1. Муштариёни истифодабарандагони Ҳамёни мушаххаснашуда ҳуқуқ доранд пардохтҳоро танҳо дар доираи маҳдудиятҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» муқарраргардида анҷом диҳад.

3.8.2. Барои гузаштани расмиёти мушаххаскуни ва гирифтани мақоми «мушаххасшуда», Мушатри бо хизматрасонии фаъоли «Ҳамён» бояд шахсан бо Шиносномаи шаҳрвандӣ ба яке аз марказҳои хизматрасонии Бонк ё Оператор ҳозир шуда, мутобиқи Қонунгузории «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» расмиёти мушаххаскуниро гузарад.

3.8.3. Барои гузаштан аз тартиби мушаххаснамоӣ Муштарӣ дар идораҳои Агент, субагент ва ё Бонк шахсан ҳузур дошата бошад. Муштари ҳангоми ҳузури шахсӣ ва пешниҳоди шиносномаи амалкунандаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли дархост барои мушаххаснамоӣ ё дархостро барои мушаххаснамоии хизматрасониҳои дигари Бонк (насаб, ном, номи падар, агар ҳолати дигаре аз қонун ё тартибҳои анъанавӣ барнаоянд) пур карда, шаҳрвандӣ мушаххасоти ҳуҷҷати тасдиққкунандаи шахсият, маълумоти корти муҳоҷират, ки ҳуқуқи шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрвандиро барои истиқомат (зиндагонӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, суроғаи макони зист (қайд) ё макони иқомат ва рақами мушаххаси андозсупорандаро қайд менамояд. Оператор, Агент ва ё субагент мутобиқи канали махсус ҷудогардида Бонк-ро оид ба имзо гардидани шакли дархост огоҳ менамояд. Оператор, Агент ва ё Субагетмаълумоти мушаххаскунандаи Муштариро дар бораи бомуваффақона гузаштани муштарӣ аз тартиби мушаххаснамоӣ муқоиса намуда, маълумоти бо СИБ муқоисашударо ба Бонк ирсол менамояд. Дар ҳолати мувофиқати маълумоти мушаххаскунанда Бонк ба Муштарӣ маълумотро дар бораи бомуваффақона гузаштани Муштарӣ аз тартиби мушаххаснамоӣ ирсол менамояд. Баъди гузаштан аз тартиби мушаххаснамоии хизматрасониҳои Бонк ба Муштарӣ мақоми «Мушаххасгардида» дода мешавад.

3.8.4. Барои гузаронидани мушаххаскунии фосилавӣ, Муштарӣ метавонад аз «Ҳамён» дар барномаи «МегаФон Life» истифода намояд, имконияти гузаштани мушаххаскунии фосилавиро интихоб карда, тамоми равандро дар дохили барномаи «МегаФон Life» анҷом диҳад. Барои гузаштан аз мушаххаскунии фосилавӣ, маълумотҳои зеринро ворид намудан лозим аст:

- Рақами телефони мобилӣ;
- пешниҳоди аксҳои шиносном (саҳифаи асосӣ ва пушти он);
- пешниҳоди акси шахси воқеӣ бо шиносномаи умумишаҳрвандӣ дар даст (селфи).

Дар сурати мувофиқат кардани маълумотҳои пешниҳодгардида, Бонк дар давоми 1 (як) рӯзи корӣ ба Муштарӣ дар бораи бомуваффақият гузаштан аз расмиёти мушаххаскунӣ маълумот медиҳад;

3.8.5. Ҳангоме, ки Муштарӣ мувофиқи банди 3.8.4-и офертаи мазкур ва талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» расмиёти мушаххаскуниро мегузарад, ба Муштарӣ мақоми «Ба таври фосилавӣ мушаххасгардида» дода мешавад, аз ин рӯ ба чунин Муштарӣ имкони истифода бурдани тамоми функсионали хизматрасонии «Ҳамён» дода мешавад.

3.8.6. Ҳангоми гузаштан аз расмиёти мушаххаскунӣ ё расмиёти мушаххаскунии фосилавӣ, ба Муштарӣ/Мизоҷ мақоми мушаххасшуда ё ба таври фосилавӣ мушаххасгардида дода мешавад. Баъдан вобаста ба ҳолати

мушаххаскунӣ, Муштарӣ/Мизоҷ ба лимитҳои дар ин Оферта нишондодашуда дастрасӣ пайдо мекунад.

3.9. Хабар оид ба анҷомёбии ҳар як амалиёт бо истифодаи воситаи электронии пардохт Муштарӣ дар Дастгоҳи муштарии худ дар муҳлати муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» қабул менамояд ва он метавонад аз ҷониби Бонк, Оператор ва ё шахси дигаре, ки Бонк ба ӯ ваколатҳои оид ба хабардоркунии Муштариро додааст, ирсол карда шавад. Илова бар ин, хабардоркунӣ метавонад бо роҳи пешниҳоди ба Муштарӣ маълумоти тасдиқкунандаи анҷомёбии амалиёт, дар шакли ҳуҷҷати электронӣ, аз ҷумла бо роҳи инъикоси маълумот тавассути хизматрасонии «Ҳамён» амалӣ карда шавад. Ҳар яке аз усулҳои зикргардида тибқи талаботҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун хабардоркунии матлуби Муштарӣ ҳисобида мешаванд.

3.9.1. Дар сурате, ки агар ин бо созишномаи Оператор пешбинӣ шуда бошад, Бонк метавонад ҳам мустақилона ва ҳам бо ҷалби шахсони сеюм пеш аз коркарди Супориш барои пардохти Муштарӣ хабардоркунии Муштариёнеро, ки Супориш барои пардохтро ирсол намудаанд, амалӣ намояд, инчунин ба Муштарӣ имконияти даст кашиданро аз супоридани Супориш барои пардохт баъди қабули маълумоти зикршуда таъмин намояд, инчунин огоҳиномаҳои Муштариро, ки дар ҷавоб ба маълумоти аз Бонк гирифташуда ирсол карда шудаанд, тибқи талаботҳои моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон қабул ва коркард намояд.

3.10. Барои истифодаи хизматрасонии «Ҳамён» Бонк ба Муштарӣ дар хизматрасонии «Ҳамён» рамзи ягонаи мушаххаси монанд ба рақами муштарии аз ҷониби ӯ истифодашаванда дар формати зерин медиҳад - 992 90X XX XX, 992 80 X XX XX, 992 55 X XX XX.

3.11. Пардохтҳо бо ҷалби шахсони сеюм.

3.12. Барои пешниҳоди хизматрасонии «Ҳамён», Бонк метавонад дар низомҳои пардохтӣ, аз ҷумла байналмиллалӣ ширкат варзад, инчунин ҳуқуқ дорад ташкилотҳои қарзӣ (операторони интиқоли маблағ, операторони Маблағҳои электронӣ, операторони низомҳои пардохтӣ), инчунин дигар шахсони сеюм, аз ҷумла агентҳо/субагентҳои пардохтии Бонк, операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ, пудратчиёни технологӣ (минбаъд - Шарикони Бонк)-ро ҷалб намояд.

3.13. Ҳангоми фиристодани Фармоиш барои пардохт ва анҷоми пардохт бо истифода аз хизматрасонии «Ҳамён» мумкин аст шарикони Бонк ҷалб карда шаванд. (Рӯйхат дар замимаи 2-и Оферта нишон дода шудааст).

3.14. Агар барои иҷрои Пардохт бастани шартнома (оферта)-и иловагии байни Муштарӣ ва Шарики Бонк талаб карда шавад, Муштарӣ инчунин шартҳои пешниҳоди шартнома (оферта)-и Шарики дахлдори ТХХ-ро қабул мекунад. Матни шартнома (оферта)-и дар суроғаи Шарики дахлдор дар Интернет ҷойгир карда мешавад.

3.15. Агар ҳангоми анҷомдиҳии Пардохт, комиссияи Шарики Бонк пешбинӣ шуда бошад, чунин комиссия аз ҷониби Бонк ба андозаи пешбининамудаи тарофаҳои Шарики Бонк аз Муштарӣ ситонида мешавад. Дар ин ҳолат ба Муштарӣ дар бораи маблағи умумии комиссияи тибқи Тарофаҳо ва тарофаҳои Шарикони Бонк ситонидашаванда маълумот дода мешавад. Тарофаҳои Шарики Бонк барои шиносоӣ дар суроғаи Шарики Бонк дар шабакаи Интернет ҷойгир карда шудааст. Ҳангоми бекор намудани хариди мол ва ё хизмтарасоние, ки барои он Ташкилот ба муштарӣ кешбек пешниҳод карда буд, Ташкилот ҳуқуқ дорад, ки маблағи кешбекро аз ҳамёни Мизоҷ бе зарурати гирифтани ризоияти иловагӣ (бо тартиби бекасепт) бозпас гирад.

3.16. Муштарӣ ӯҳдадор аст аз анҷомдиҳии Пардохт бо истифодаи хизматрасонии «Ҳамён» худдорӣ намояд, дар сурате ки агар бо бастани шартнома (оферта) бо Шарики Бонк ва/ё бо комиссияи ситонидашаванда, ки дар б. 3.9.1 ва б. 3.14-и Оферта зикр гардидааст, норозӣ бошад.

3.17. Бонк ҳуқуқ дорад, ки ба Муштарӣ дар пешниҳоди хизматрасонии «Ҳамён» рад намояд, агар анҷомдиҳии Пардохт аз сабаби маҳдудиятҳои дар тарафи Шарики Бонк буда ғайриимкон бошад, аз ҷумла агар имконияти гирифтани маблағ аз ҷониби Шарики Бонк тибқи шартҳо ва қоидаҳои низоми пардохтӣ, ки оператори он Шарики Бонк мебошад ва/ё шартномаи байни Бонк ва Шарик басташуда, боздошта шуда бошад.

3.18. Муштарӣ ӯҳдадор аст Супориш барои пардохтро танҳо аз Дастгоҳи муштарии ба ӯ тааллуқбуда ва/ё бо истифодаи мушаххасоти дигари ба Муштарӣ додашуда равона намояд, ва кӯшишҳои тартиб додани чунин Супоришҳо барои пардохт ва фармоишҳоро аз Дастгоҳи муштарии худ ва/ё бо истифодаи мушаххасоти Муштарӣ аз ҷониби шахсони сеюм пешгирӣ намояд.

3.19. Муштарӣ ӯҳдадор аст барои пешгирӣ намудани истифодаи беиҷозат ва муҳофиза намудани Дастгоҳи муштарӣ аз дастрасӣ ба шахсони сеюм тамоми чораҳои зарурир мустақилона андешад. Хавфҳоро вобаста ба равона намудани Супориш барои пардохт аз ҷониби шахсони сеюм бо истифодаи Дастгоҳи муштарӣ, ки дастрасӣ ба он аз ҷониби Муштарӣ гум карда шуда буд, Муштарӣ ба зимма дорад.

3.20. Муштарӣ ӯҳдадор аст аз хизматрасонии «Ҳамён» ба мақсадҳои ғайриқонунӣ ва ё барои хариди молу хизматрасониҳое, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст, истифода набарад.

3.21. Муштарӣ дар сурати истифодабарии хизматрасонии «Ҳамён» ба мақсади ғайриқонунӣ мустақилона масъулият ба зимма дорад.

3.22. Дар сурати анҷом додани Пардохт бе розигии Муштарӣ, Муштарӣ ӯҳдадор аст дар бораи ин тариқи телефонҳои Оператор, ки дар Замимаи №1 ба Шартнома зикр карда шудааст, фавран, вале на дертар аз рӯзе, ки баъд аз рӯзи қабули огоҳинома оид ба анҷомёбии Пардохт меояд, хабар диҳад.

3.23. Баргардонидани маблағҳо дар асосҳои зерин имконпазир мебошад:

3.23.1. Баргардонидани Пардохт дар сурати даст кашиии Муштарӣ аз хизматрасониҳои МТХ ва ё дар дигар ҳолатҳои

баргардонидани маблағ аз МТХ, ҳангоми бевосита ба МТХ муроҷиат намудани Муштарӣ аз ҷониби МТХ амалӣ мегардад. МТХ ва Муштарӣ тартиб ва усулҳои баргардонидани маблағро ба Муштарӣ мустақилона муайян менамоянд. Муайянкунии баҳсҳо оид ба сабаби барнагардонидани маблағҳо байни Муштарӣ ва МТХ бе иштироки Бонк амалӣ карда мешавад. Бо вуҷуди ин, Бонк ҳуқуқ дорад ба Муштарӣ дар амаликунии баргардонидани маблағҳо мусоидати имконпазир расонад, ва ҳангоми ҳамкорӣ бо МТХ баргардонидани маблағҳоро аз ҳисоби ва бо фармоиши МТХ амалӣ намояд.

3.23.2. Баргардонидани маблағи амалиётҳои бекоркардашуда (хато) бо ташаббуси Бонк, Оператор ва ё дигар иштирокчии ҳисоббаробаркунӣ, вобаста ба бекор кардани Пардохти қаблан анҷомдодашуда, ки саҳван ва ё бо сабаби норасоии техникӣ гузаронида шуда буд, амалӣ карда мешавад.

3.23.3. Баргардонидани Интиқолҳое, ки бо ҳар асосҳои ба Бонк вобастанабуда, аз ҷумла бо сабаби имконнопазирии пешниҳоди маблағ ба маблағгиранда ва ё бо сабаби радкунии қабули онҳо аз ҷониби МТХ ва/ё Шарики МТХ нобарор дониста шудаанд.

3.24. Ба шартҳои Оферта пайваст шуда, Муштарӣ бо он розӣ мешавад, ки маблағҳои воридшавандаи ба манфиати ӯ бо усулҳое, ки дар бандҳои 3.14. - 3.15.-и Оферта зикр гардидаанд, метавонанд Бақияи пулҳои электрониро бе фармоиши иловагии Муштарӣ зиёд намоянд. Илова бар ин, Муштарӣ ба Бонк ҳуқуқ медиҳад, ки аз номи Муштарӣ фармоишҳоро барои интиқоли маблағҳои зикршуда бе кушодани суратҳисоби бонкӣ, ба манфиати Оператор ҳамчун афзоиши маблағи пешпардохт барои хизматрасонии алоқаи Оператор тибқи шартномаи алоҳидаи байни Бонк ва Оператор басташуда, на дертар аз рӯзи корие, ки баъди рӯзи баҳисобгирии онҳо дар Бонк меояд, таҳия намояд.

3.25. Бонк ҳуқуқ дорад, барои пешниҳоди хизматрасонии «Ҳамён» тибқи Тарофаҳо аз Муштарӣ комиссия ситонад, бо пешакӣ огоҳ намудани Муштарӣ оид ба андоза ва тартиби ситонидани чунин комиссия пеш аз оғози пешниҳоди чунин хизматрасонӣ тавассути Оператор ва/ё тавассути ҷойгиркунии маълумот оид ба Тарофаҳо дар WEB-сомонаи Бонк, ки дар банди 5.3 Шартномаи мазкур зикр карда шудааст. Комиссияи Бонк, инчунин комиссияи Шарики Бонк тибқи б. 3.15-и Оферта, аз ҷониби Бонк аз маблағи Бақияи пулҳои электрони ҳангоми Пардохт пур кардашуда, нигоҳ дошта мешавад. Дар сурати нокифоя будани маблағҳо барои пардохти ҳамаи комиссияҳо, Пардохт анҷом дода намешавад.

3.26. Бонк ҳуқуқ дорад, маблағи комиссияро барои Хизматрасонии дар доираи Оферта пешниҳодшуда ба Муштарӣ барнагардонад, агар ки баргардонидани маблағҳо барои Хизматрасонӣ дар асосҳои банди 3.14. ва ё банди 3.15.-и Оферта амалӣ карда шуда бошад.

Барои маблағи комиссияҳои аз ҷониби Бонк аз Муштарӣ нигоҳ дошташуда шахсе, ки бо айби ӯ асос барои баргардонидани маблағ ба Муштарӣ пайдо шуд, аз ҷумла шахсони сеюм назди Муштарӣ масъул мебошанд.

3.27. Бонк ҳуқуқ дорад, ки ҳангоми аз ҷониби Муштарӣ иҷро накардани ӯҳдадориҳо аз руи дигар хизматрасониҳои дар назди Бонк ба миён омада аз ҳисоби маблағҳои дар ҳамёни Муштарӣ мавҷудбуда ба тариқи бе Аксепти иҷроиши ин онҳоро таъмин намояд.

3.28. Дар сурате, ки агар истифодабарии хизматрасонии «Ҳамён» коркарди Маълумоти шахсиро (аз ҷумла, бо истифодаи барномаҳои алоҳида) пешбинӣ намояд, Муштарӣ ҳангоми амалигардонии фармоиши хизматрасонии «Ҳамён», барои коркарди аз ҷониби Бонк ва Оператор маълумоти шахсии Муштарӣ, аз ҷумла бо роҳи анҷомдиҳии амалҳои зерин розигии худро медиҳад: ҷамъоварӣ, сабт, батартибдарорӣ, андӯхт, нигоҳдорӣ, аниққунӣ (навсозӣ, тағйирдиҳӣ), баровардан, истифодабарӣ, бемасъулияткунӣ, интиқол (паҳнкунӣ, пешниҳод, дастрасӣ), хориҷкунӣ, нобудкунӣ. Муштарӣ ҳамчунин ба интиқол додани Маълумотҳои шахсии худ ба шахсони сеюм бо мақсади анҷом додани амалҳои пешбининамудаи банди мазкури Оферта зимни мавҷудияти шартномаи байни Оператор, Бонк ва чунин шахсони сеюм басташуда, розигии худро медиҳад.

3.29. Бонк ӯҳдадор аст, махфияти Маълумоти шахсии Муштариёнро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя намояд, риояшавии аз ҷониби шахсони сеюм, ки ба онҳо маълумотҳои мазкур тибқи б. 3.27-и Оферта интиқол дода шудаанд, таъмин намояд, барои ҳифзи маълумотҳои шахсӣ аз дастрасии ғайриқонунӣ ё тасодуфӣ ба он, нобудсозӣ, тағйирдиҳӣ, боздошт, нусхабардорӣ, пешниҳодкунӣ, паҳнкунии Маълумоти шахсии Муштариён, инчунин аз дигар амалҳои ғайриқонунӣ нисбати Маълумоти шахсии Муштариён, чораҳои зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникиро андешад.

3.30. Дар сурати аз ҷониби Оператори мобилӣ хомӯш намудани рақами телефони мобилӣ, ва ё аз ҷониби Муштарӣ иваз намудани рақами мобилӣ, ки ҳамён ба он пайваст карда шудааст, Оператори мобилӣ бояд ба Бонк маълумотҳоро оиди рақами мобилӣ, ки ба он «Ҳамён» пайваст карда шудааст ва далели хомӯш кардани чунин рақами мобилиро ирсол намояд. Бонк дар навбати худ ҳуқуқ дорад, ки истифодабарии «Ҳамён»-ро яктарафа қатъ намояд. Ҳангоми мавҷуд будани маблағ дар «Ҳамён», ҷиҳати дастгирии молиявии мизоҷ Бонк бақияи маблағро аз суратҳисоби ғайрифаъол ба суратҳисоби махсус гузаронида онро ба муҳлати 10 сол ҳамчун бақияи маблағи суратҳисоби ғайрифаъол нигоҳ медорад.

3.31. Баргардонидани бақияи маблағ дар суратҳисобҳои ғайрифаъол, танҳо дар сурати ба Бонк муроҷиат намудани истифодабарандаи қаблии «Ҳамён», амалӣ карда мешавад.

3.32. Дар сурати аз ҷониби истифодабарандаи мушаххасгардидаи қаблии «Ҳамён», оиди баргардонидани бақияи маблағи дар суратҳисоб буда муроҷиат намудан, Бонк бақияи маблағҳои дар суратҳисоби ғайрифаъол бударо ба ӯ бармегардонад.

3.33. Дар ҳолати муроҷиати муштарии мушахасс нагардидаи «Ҳамён» ба Бонк оиди баргардонидани бақияи

маблағи дар суратҳисоби ғайри фаъол мавҷуд буда, ӯ бояд ба Бонк маълумотномаро оиди дар кадом давра соҳиби рақами мобилӣ буданро аз Оператори мобилӣ дастрас намуда ба Бонк пешниҳод намояд. Маълумотнома дорои маълумоти зерин бояд бошад: насаб, ном ва номи падар, реквизитҳои шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дигар маълумот, рақами телефони мобилӣ бо нишон додани санаи пайвастшавии рақами телефони мобилӣ ба шабака ва қатъи он. Баъд аз пешниҳоди маълумот, Бонк ба Муштарӣ барномаи «Ҳумо Онлайн» ё корти бонкӣ мекушояд ва ё маблағҳои ӯро, ки дар ҳисоби махсус нигоҳ дошта мешаванд, бозпас мегардонад.

3.34. Бо мақсади ҳифзи муштариён аз қаллобӣ, дуздӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳои ба хизматрасонии фосилавии бонкӣ алоқамандбуда, аз ҷониби Бонк чунин талаботҳои ҳадди ақали бехатарӣ татбиқ карда мешаванд:
- дастрасӣ ба сабти ҳисоби муштарӣ дар як вақт танҳо аз як таҷҳизоти бақайдгирифташуда иҷозат дода мешавад;
- кушишҳои ворид шудан ба сабти ҳисоби муштарӣ аз таҷҳизоти нав ё номаълум қатъ карда шуда, муштарӣ дар ин бора тавассути огоҳсозии фаврӣ (СМС огоҳинома ва/ё почтаи электронӣ) хабардор карда мешавад;
- иваз намудани таҷҳизоти бақайдгирифташуда ва/ё гузарвожаву рамзҳои дастрасӣ ба сабти ҳисоби муштарӣ бояд бо истифодаи технологияҳои тасдиқи аслияти бисёромила ё тавассути муроҷиати муштарӣ ба Бонк бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият анҷом дода мешавад;
- ҳамаи амалиётҳои хороҷотӣ дар замимабарномаҳои мобилӣ бояд бо истифодаи тасдиқи аслияти бисёромила сурат мегиранд, ба истиснои пардохт барои хизматрасонии давлатӣ, пардохт тавассути QR-рамзи ягона дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонӣ ба маблағи на зиёда аз 80 (ҳаштод) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як рӯз, пардохти молу хизматрасонӣ тавассути Интернет, ки хусусияти интиқоли фаромарзии маблағҳоро надорад, ба маблағи на зиёда аз 20 (бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як рӯз, интиқоли маблағ дар реҷаи онлайн ба шахсони воқеӣ дар дохили ташкилоти қарзӣ ба маблағи на зиёда аз 20 (бист) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як рӯз ва ба муштариёни дигар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи на зиёда аз 2 (ду) нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як рӯз, интиқол ба суратҳисобҳои шахсии муштарӣ, пардохти қарзҳо дар ташкилотҳои қарзӣ;
- барои пайваст намудани кортҳои пардохтии бонкӣ ба замимабарномаҳои мобилӣ протоколҳои бехатарии онлайнпардохтҳо (ба монанди 3D Secure), ки ташкилоти қарзии ношир татбиқ кардааст, истифода мешаванд.

## 4. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

4.1. Муштарӣ барои ҳар амали шахсони сеюм, ки аз номи Муштарӣ бо истифодаи воситаи электронии пардохти ӯ тавассути Дастгоҳи муштарии ӯ ҳангоми истифодабарии хизматрасонии «Ҳамён» иҷро мешаванд, масъул мебошад.

4.2. Муштарӣ барои ҳар амали аз ҷониби ӯ бавоситаи хизматрасонии «Ҳамён» анҷомдодашуда, инчунин аз номи Муштарӣ тавассути истифодабарии воситаи электронии пардохти ӯ тариқи Дастгоҳи муштарии ӯ ҳангоми истифодабарии хизматрасонии «Ҳамён» анҷомдодашуда, мустақилона масъул мебошад.

4.3. Муштарӣ барои ҳар амале, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат менамояд, мустақилона масъул мебошад.

4.4. Бонк ҳуқуқ дорад бо тартиби ғайрисудӣ пешниҳоди Хизматрасониро ба Муштарӣ ба таври яктарафа муваққатан қатъ намояд, агар талаботҳои дар Офертаи мазкур изҳоргардида аз ҷониби Муштарӣ вайрон карда шуда бошанд.

4.5. Бонк ҳуқуқ дорад хизматрасонии «Ҳамён»-и Муштариро Боздошт намояд:
— бо ташаббуси мақомоти ваколатдори давлатӣ,
— бо ташаббуси Мизоҷ,
— бо ташаббуси худ.

4.6. Бо ташаббуси мақомоти ваколатдори давлатӣ боздошти хизматрасонии «Ҳамён» дар ҳолатҳо ва тартибе, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, амалӣ карда мешавад. Қарорҳо оид ба боздошти хизматрасонии «Ҳамён», ки бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби мақомоте қабул шудаанд, ки ба қабул намудани чунин қарорҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор мебошанд, дар баробари қабули ҳуҷҷати иҷрои дахлдор аз ҷониби Бонк фавран иҷро карда мешаванд.
Ҳангоми боздошти бақияи Маблағҳои электронӣ бо талаби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар навбати аввал Пулҳои электронии Муштарӣ, ки бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, боздошта мешаванд.

4.7. Бо ташаббуси Муштарӣ Боздошти хизматрасонии «Ҳамён»-и Муштарӣ дар ҳар лаҳза дар асоси огоҳиномаи аз Муштарӣ қабулшуда, ки аз ҷониби Бонк бо яке аз роҳҳои зерин равона карда шудааст, амалӣ карда мешавад:

4.7.1. Тавассути шахсан муроҷиат намудан ба яке аз идораҳои Бонк ва ё Оператор бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;

4.7.2. Тавассути муроҷиат намудан ба Хадамоти дастгирии Бонк тариқи телефони +992 (44) 6405544;

4.7.3. Тавассути муроҷиат намудан ба Хадамоти дастгирии Бонк бо равона намудани огоҳинома бавоситаи почтаи электронии office@humo.tj;

4.7.4. Бо роҳи дигари пешбининамудаи Бонк.

4.8. Огоҳиномаи Мизоҷ оид ба боздошти хизматрасонии «Ҳамён» бояд дорои маълумотҳои зерин бошад, ки онҳо барои дар он боварӣ ҳосил кардан имкон медиҳанд, ки огоҳинома аз ҷониби Мизоҷ равона карда шудааст, аз

ҷумла:

— Рақами Ҳамён;

— Ному насаби Мизоҷ (барои Мизоҷони иҷозатдодашуда ва иҷозатдоданашуда);

— Логин;

— Рақами телефони ба Ҳамён пайвастшуда.

Огоҳиномаи Муштарӣ оид ба бекор кардани боздошти Ҳамён, ки бо ташаббуси Муштарӣ амалӣ карда шудааст, бо тартиби муқаррарнамудаи банди 4.7. Шартномаи мазкур пешниҳод карда мешавад.

4.9. Бо ташаббуси Бонк Боздошти Ҳамён метавонад дар ҳолатҳои зерин амалӣ карда шавад:

4.9.1. дар сурати пайдо шудани дар Бонк шубҳаҳо дар вайронкунии аз ҷониби Муштарӣ тартиби истифодабарии хизматрасонии «Ҳамён» дар қисми пешбининамудаи банди 4.1. ва 3.20. Шартномаи мазкур;

4.9.2. дар сурати зарурати таъмин намудани аз ҷониби Бонк амнияти бақияи Пулҳои электронии Муштарӣ, ки дастрасӣ ба он бо истифодаи хизматрасонии «Ҳамён» амалӣ карда мешавад, ки нисбати он дар Бонк ба дастрасии беиҷозат шубҳаҳо пайдо шудааст;

4.9.3. дар сурати мавҷудияти нақшаҳои ғайриоддӣ ва ё хеле мураккаби гузаронидани амалиётҳо, ки аз тартиби муқаррарии амалиётҳои барои Муштариёни Бонк хос фарқ мекунанд;

4.9.4. дар сурати иҷро намудани аз ҷониби Бонк талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, ва маблағгузории терроризм;

4.9.5. дар сурати пешниҳод гардидани аз ҷониби Бонк ба Муштарӣ талаботҳо оид ба гузаштани Муайянкунии шахсият аз рӯи ҳар яке аз асосҳое, ки бо зербандҳои 4.15., 4.15.1, 4.15.5. Шартномаи мазкур пешбинӣ шудааст;

4.9.6. дар сурати анҷомдиҳии амалиётҳо ба маблағи зиёдтар аз андозаи бақияи Маблағҳои электронӣ, вақте ки ин дар натиҷаи хатогии техникии Бонк ва ё дар натиҷаи истифодабарии барои баргардонидани бақияи Маблағҳои электронӣ кортҳои пардохтӣ, ки аз ҷониби низомҳои пардохтӣ бароварда шудаанд, имконпазир шуда бошад, агар ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ маблағи дар паёми оид ба клиринги пардохтӣ буда, аз меъёри пардохтии корт зиёд бошад;

4.9.7. дар сурати ба Ҳамён дохил намудани маблағҳои пулие, ки дар натиҷаи дастрасии беиҷозат ба Ҳамёни пардохткунанда фиристода шуда бошанд. Дар ин ҳол аҳамият надорад, ки дар вақти Боздошт Ҳамёни боздоштшаванда маблағгирандаи ниҳоӣ мебошад ё ин ки ҳамчун транзит истифода шудааст;

4.9.8. дар сурати аз ҷониби дорандаи корт мубоҳиса намудани амалиёти пешниҳоди маблағҳо ба Бонк барои пуркунии бақияи Маблағҳои электронӣ бо истифодаи корти бонкӣ;

4.9.9. дар сурати ҷорӣ намудани аз ҷониби суд ҳар расмиёти муфлисӣ нисбати Муштарӣ;

4.9.10. дар сурати мавҷудияти қарздории Муштарӣ назди Бонк аз рӯи ҳар уҳдадорӣ.

Дар сурати мавҷудияти дар Муштарии иҷозатдодашуда, ки Ҳамёни ӯ дар ҳар асоси бо шартҳои Шартномаи мазкур пешбинигардида, боздошт шудааст;

4.9.11. дар сурати ворид шудан аз дастгоҳҳои нав ба «Ҳамён»;

4.9.12. бо мақсади таъмини бехатарӣ, ҳангоми гумонбар шудан аз амалҳои қаллобӣ.

4.10. Боздошти хизматрасонии «Ҳамён» ба қатъ намудани аз ҷониби Бонк ҳамаи амалиётҳое оварда мерасонад, ки боиси камшавии бақияи Маблағҳои электронӣ бо супориши Муштарӣ мегардад. Амалиётҳое, ки боиси афзоиши бақияи Маблағҳои электронӣ мегарданд, дар сурати Боздошти хизматрасонии «Ҳамён» бо ташаббуси Бонк ҳамчунин метавонанд қатъ карда шаванд.

Дар сурати Боздошти Ҳамён бо ташаббуси Бонк муҳлати зерини Боздошт вобаста ба асосҳои Боздошт муқаррар карда шудааст:

4.10.1. то лаҳзаи пурра бартараф намудани аз ҷониби Муштарӣ вайронкуниҳои бартарафшавандаи аз ҷониби ӯ роҳ додашуда дар тартиби истифодабарии Ҳамён, ё ин ки тасдиқи набудани дар фаъолияти Муштарӣ чунин вайронкуниҳо.

4.10.2. то лаҳзаи боварии комили Бонк ба набудани дастрасии беиҷозат ба хизматрасонии «Ҳамён»-и Муштарӣ;

4.10.3. то лаҳзаи баррасӣ намудани аз ҷониби Бонк эзоҳот ва ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Муштарӣ пешниҳодгардида оид ба амалиёти анҷомдодашаванда, ки аз ҷониби Бонк дархост карда шудаанд, агар аз рӯи натиҷаҳои чунин баррасӣ аз ҷониби Бонк оид ба дасткашии яктарафа аз иҷроиш қарор қабул карда нашуда бошад;

4.10.4. тибқи талаботҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм.

4.10.5. то гузаштани аз ҷониби Мизоҷ расмиёти муайянкунии шахсият – дар ҳолатҳое, ки бо зербанди 3.7.2. ва 3.7.3. Шартномаи мазкур пешбинӣ гардидааст;

4.10.6. то лаҳзаи пардохти қарзи Муштарӣ назди Бонк.

4.10.7. то лаҳзаи қабули аз ҷониби Бонк қарор оид ба оқибатҳои воқеияти ошкоргардидаи дастрасии беиҷозат, аммо на беш аз 3 (Се) моҳ аз санаи Боздошти Ҳамён.

4.11. Бонк барои пешниҳоди бесифати хизматрасонии «Ҳамён» ва/ё пешниҳод накардани хизматрасонӣ, ки бо сабаби таъхир ва номунтазамӣ дар кори платформаҳои техникӣ ва шабакаҳои нақлиётӣ ё шабакаҳои алоқа ба миён омада, дар пайдоиши онҳо айби Бонк нест, назди Муштарӣ масъул намебошад.

4.12. Бонк барои сифати Хизматрасониҳои МТХ, ки аз ҷониби Муштарӣ бо истифодаи хизматрасонии «Ҳамён» пардохт карда мешаванд, масъул нест.

4.13. Бонк ва Оператор барои иҷро накардан ва ё иҷроиши номатлуби уҳдадориҳои худ масъул нест, агар чунин ноиҷро ва ё иҷроиши номатлуб дар натиҷаи таъсири қувваи рафънопазир (форс-мажор) ба миён омада бошад. Дар сурати амали ҳолатҳои қувваи рафънопазир, муҳлати иҷроиши уҳдадориҳо баробари вақте, ки дар

муддати он чунин ҳолатҳо ҷой доштанд, гузаронида мешавад.

4.14. Ҳангоми пешниҳоди хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ Бонк уҳдадор аст, ки расмиёти тасдиқи аслияти бисёромиларо истифода намояд. Тибқи ин расмиёт барои тасдиқи аслият аз истифодабаранда пешниҳоди на кам аз ду омили мустақил аз гурӯҳҳои зерин талаб карда мешавад:

– маълумоте, ки танҳо ба муштарӣ маълум аст (масалан, гузарвожа, рақами мушаххаси шахсӣ (PIN), рамзи якдаъфина, калимаи махфӣ);

– таҷҳизот ё воситае, ки дар ихтиёри муштарӣ қарор дорад (масалан, компютери фардӣ, телефони мобилӣ, корти пардохтии бонкӣ, токен ё ҳомили дигари электронии иттилоот);

– маълумоти биометрии муштарӣ (масалан, шинохти рӯй, изи ангушт, овоз, пардаи чашм).

4.15. Аз рӯи масъалаҳои ҳалнашуда Тарафҳо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои муқаррарнамудаи Бонк амал мекунанд.

## 5. ШАРТҲОИ ДИГАР

5.1. Шартҳои Оферта мазкур аз лаҳзаи интишори онҳо дар WEB-сомона ва дар барномаҳои Ҳамёни электронии «Ҳамён» эътибор пайдо мекунанд.

5.2. Бонк ҳуқуқ дорад ба Офертаи мазкур тавассути интишори таҳрири нави он дар WEB-сомона ва дар барномаҳои Ҳамёни электронии «Ҳамён» бо тартиби яктарафа тағйиротҳоро ворид намояд. Тағйиротҳои зикршуда дар як вақт бо ҷойгиркунии онҳо дар платформаҳои зикршуда эътибор пайдо мекунанд. Чунин тағйиротҳо аз ҷониби Муштарӣ қабулшуда ба ҳисоб меравад, дар сурате ки агар аз Муштарӣ паём оид ба рад кардани қабули тағйиротҳои Оферта дар давоми 3 (се) рӯзи корӣ аз санаи вориди чунин тағйиротҳо ва ё муҳлати қаблан зикршуда дар сурати таҳия намудани ва фиристодани Супориш барои пардохт ворид нагардида бошад.

5.3. Бо тартиби таҳияи Бақияи Маблағҳои электронӣ, хусусиятҳои истифодаи воситаҳои электронии пардохт барои интиқоли Маблағҳои электронӣ, инчунин бо Тарофаҳо Муштарӣ метавонад дар суроғаи электронии http://humo.tj/tj/tarif шинос шавад.

## 6. УСУЛИ ПЕШНИҲОДИ ДАЪВО ВА ТАРТИБИ БАРРАСИИ ОН

6.1. Даъвоҳо аз Муштарӣ ва/ё шикоятҳо ва/ё муроҷиатҳои дигар (хаттӣ ё шифоҳӣ) (минбаъд дар матн - «Даъвоҳо») оид ба масъалаҳои иҷро накардани (иҷроиши номатлуби) аз ҷониби Бонк ва ё Оператор Супоришҳо барои пардохт, ё коркарди ғайриқонунии Маълумоти шахсии Муштарӣ (анҷом додани амалҳои бо Шартнома пешбининагардида, аз ҷумла ҷамъоварӣ, тартибдиҳӣ, андӯхт, нигоҳдорӣ, аниқкунӣ (навсозӣ, таъғйирдиҳӣ), истифодабарӣ, паҳнкунӣ (аз ҷумла интиқол), бемасъулияткунӣ, боздошт, нобудсозии Маълумоти шахсии Муштарӣ), аз ҷониби Оператор ва Бонк баррасӣ карда мешаванд.

6.2. Оператор тафтиши Даъворо ба ҷиҳати ҳар гуна вайронкунии уҳдадориҳо аз тарафи Оператор мегузаронад. Агар дар раванди тафтиши Даъвои воридгардида Оператор вайронкунии уҳдадориҳоро аз тарафи Оператор ошкор намояд, Оператор мустақилона ҷавобро ба Даъво омода намуда, онро ба Муштарӣ ирсол менамояд.

6.3. Агар дар раванди тафтиши Даъвои воридгардида Оператор вайронкунии уҳдадориҳоро аз тарафи Оператор ошкор накунад, ё ин ки Даъво, аз ҷумла бо сабаби вайронкунии аз тарафи Бонк уҳдадориҳои интиқоли Маблағҳои электронӣ ва анҷомдиҳии ҳисоббаробаркуниҳо бо истифодаи онҳо пешниҳод гардида бошад, он гоҳ Даъво ба Бонк ирсол карда мешавад. Бонк амаликунии Пардохти дахлдор ва гузаронидани онро ба ҳисоби Бонк бо мақсади интиқоли Маблағҳои электронӣ барои анҷомдиҳии ҳисоббаробаркуниҳо бо истифодаи онҳо тафтиш менамояд. Аз рӯи натиҷаҳои тафтиш ҷавоб ба Даъво метавонад ба Муштарие пешниҳод карда шавад, ки ӯ бо Даъво ҳам ба худи Бонк ва ҳам ба Оператор муроҷиат намудааст.

6.4. Ҳангоми ошкор намудани вайронкуниҳои дар Даъво зикршуда, дар доираи масъулияти Оператор, Оператор барои фавран бартараф кардани вайронкуниҳо ва қонеъ намудани талаботҳои Муштарӣ тамоми чораҳоро меандешад.

6.5. Ҳангоми ошкор намудани вайронкуниҳои дар Даъво зикршуда, дар доираи масъулияти Бонк, Бонк барои фавран бартараф кардани вайронкуниҳо ва қонеъ намудани талаботҳои Муштарӣ тамоми чораҳоро меандешад.

6.6. Дар ҳолати эътироф нагардидани на аз ҷониби Бонк, на аз ҷониби Оператор талаботҳои дар Даъвои воридгардидаи Муштарӣ, ҳалли минбаъдаи Даъво бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

6.7. Ҳамаи Даъвоҳоро оид ба масъалаҳои иҷро нагардидани (иҷроиши номатлуби) аз ҷониби Бонк уҳдадориҳои назди Муштарӣ, ки аз Офертаи аз ҷониби Муштарӣ қабулшуда бармеояд, ё вобаста ба хато нишон додани аз ҷониби Муштарӣ таъиноти мақсадноки Пардохт, ё вобаста ба коркарди ва/ё истифодабарии ғайриқонунии аз ҷониби Бонк Маълумоти шахсии Муштарӣ, Бонк мустақилона баррасӣ менамояд. Ҷавоб ба чунин даъво метавонад ҳам аз ҷониби Оператор ва ҳам аз ҷониби Бонк пешниҳод карда шавад.

6.8. Муҳлати умумии баррасии Даъвои аз Муштарӣ воридгардида ва пешниҳоди ҷавоб ба Муштарӣ бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

6.9. Даъвоҳои Муштарӣ вобаста ба сифати мол (кор, хизматрасонӣ ва ғ.), номатлуб пешниҳодкунии онҳо, ба суроғаи МТХ аз ҷониби Муштарӣ фиристода мешаванд ва на аз ҷониби Оператор, на аз ҷониби Бонк баррасӣ карда намешаванд.

6.10. Доир ба ҳамаи масъалаҳои вобаста ба истифодабарии Бақияи Маблағҳои электронӣ, Муштарӣ метавонад муроҷиат намояд:

- тариқи телефони хадамоти дастгирии мизоҷон (Маркази тамос) (+992) +992 (44) 6405544
- тавассути суроғаи почтаи электронӣ: office@humo.tj

Замимаи № 1
Ба Шартномаи хизматрасониҳои бонкӣ

# РӮЙХАТИ ОПЕРАТОРОН

| п/п | Номи Оператор | Телефонҳо барои тамос | Суроғаи WEB-сомона | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | ҶСП «ТТ мобайл» МегаФон-Тоҷикистон | 907 700 500 | http://www.megafon.tj/ | Паёмҳо аз ҷониби Оператор тарификатсия карда намешаванд |

**Рӯйхати хизматрасониҳои Ҳамёни электронии «Ҳамён»**

Хизматрасониҳои миллӣ

Хизматрасониҳои байналмиллалӣ